# 106577 - Оё фосилаи байни тавофу саъй муддати муайяне дорад?

### савол

Оё барои фосилаи байни тавофу саъй муддати муайяне вуҷуд дорад?

### Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Барои фосилаи байни тавофу саъй муддати муайяне вуҷуд надорад. Пайдарпай анҷом додани он ду шарт нест, вале беҳтар он аст, ки ҳар гоҳ тавоф кунад, саъй намояд, зеро паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) саъю тавофи худро пайиҳам анҷом медод. Вале агар ба таъхир биандозад, дар аввали рӯз тавоф намояду, дар охири рӯз саъй кунад ва ё баъди як ё ду рӯз саъй намояд, дар ин чиз ҳеҷ ишколе вуҷуд надорад, зеро пайдарпай анҷом додани тавофу саъй воҷиб нест". Поёни сухан.

"Маҷмӯъу фатово"-и Ибни Усаймин (22/421).